Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.12 – Баҳисобгирии муҳосибӣ, омор, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Калемуллоев Мунир Воҳидович ба диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мувофиқат мекунад: 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии бухгалтерӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ; 1.7. Баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо; 1.8. Хусусияти ташаккули ҳисоботи бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар соҳаҳо, минтақаҳо ва дигар сегментҳои фаъолияти хоҷагидорӣ; 1.12. Трансформатсияи ҳисоботи молиявии миллӣ бо талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои дигар давлатҳо; 2.11.Назария ва методологияи таҳлили молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва маркетингӣ.

## Мубрамияти мавзуи диссертатсия

Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда собит намуд, ки стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) воситаи асосии ба даст овардани иттилооти эътимоднок оид ба вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидории ватанӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар шакли ягона дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ мебошад.

Дар шароити татбиқи СБҲМ масъалаи таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботҳои молиявӣ дар бонкҳо зарурияти боз ҳам бештар тақозо мекунад, зеро имрӯз вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии

иқтисодии байналмилалӣ талаботи истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ба миён омада, ба иттилооти саҳеҳ ва саривақтӣ дар бораи вазъи молиявӣ ва натиҷаи субъектҳои хоҷагидорӣ, боз ҳам ҷиддитар гардидааст.

Чӣ тавре ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда буданд: “..... масъалаи гузаштани корхонаҳо ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, гузаронидани аудити ҳатмии ҳарсола ва нашри ҳисоботи молиявии онҳо дар воситаҳои ахбори омма ҳанӯз ба таври пурра ҳал нашудааст ва аз масъулин андешидани тадбирҳои ҷиддиро тақозо менамояд.”

СБҲМ ин маҷмуи стандартҳои дар миқёси ҷаҳон қабулшуда мебошанд, ки дар онҳо масъалаҳои эътироф ва баҳодиҳии объектҳои баҳисобгирӣ, тартиби ифшои иттилооти ҳисоботи молиявӣ оварда шудаанд. Истифодабарии СБҲМ дар ташкилотҳои ватанӣ барои рушди низоми миллии баҳисобгирӣ ва ҳисобот мусоидат кард.

Барои рушди бахши бонкӣ маҳз СБҲМ нақши муайян доранд ва дар ҷумҳурӣ аввалин шуда, бонкҳои тиҷоратӣ ҳисоботи молиявиро тибқи СБҲМ таҳия ва пешниҳод кардаанд, ки он дар баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мавқеи назаррасро ишғол кард.

Ҳамин тавр, масъалаҳои такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, ҷорӣ намудани муқарраროти нав вобаста ба таъминоти ташкилию методӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба шароити муосири фаъолияти бонкҳо ба таври доимӣ муҳим мебошанд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан ба маврид аст, ки дар мубрамияти мавзуи мазкур шубҳае нест ва пешбурди таҳқиқот дар ин самт метавонад дар ташаккули низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити рақамикунонӣ аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ дошта бошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Натиҷаҳои илмии диссертатсияи тақризшаванда аз асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба такмили таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити корбурди СБҲМ иборат мебошад.

Ба ақидаи мо, диссертатсия натиҷаҳои назарраси илмӣ дорад, ки дорои унсурҳои навгонӣ мебошад ва барои мукаммалгардонии таъминоти ташкилию методии ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ истифода мешавад. Натиҷаҳои назаррасе, ки муаллиф дар диссертатсия пешниҳод намудааст дар чунин бандҳои навгонӣ зуҳур меёбанд, ки инҳоянд:

• Зарурати гузариши низоми баҳисобгирӣ ба СБҲМ таҳқиқ карда шуда, нақши СБҲМ дар рушди фаъолияти бонкӣ ва бартариҳои истифодаи он аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Танзими меъёрии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо баррасӣ шуда, доир ба такмили асосҳои ташкилию меъёрии пешбурди низоми баҳисобгирӣ ва ташаккули ҳисоботи молиявии ташкилотҳои қарзӣ тавсияҳо пешниҳод шудааст. Марҳилаҳои таҳияи сиёсати баҳисобгирии бонк тибқи СБҲМ (муайян кардани салоҳиятҳои зарурӣ, омӯзиши санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, муайян намудани робитаи байни ҷанбаҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ, муайян кардани маҳакҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ) коркард ва пешниҳод гардидааст, ки барои пешбурд ва танзими самараноки равандҳои баҳисобгирӣ мусоидат мекунад.

• Асосҳои назариявӣ ва консептуалии моҳияти ҳисоботи молиявии бонкҳо такмил дода шуда, тафсири муаллифии мафҳумҳои *“низоми ҳисоботи молиявии бонк”, “ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ” ва “ҳисоботи молиявии маҷмуӣ”* пешниҳод карда шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот таснифоти низоми ҳисоботи молиявии бонк аниқ карда шудааст, ки якчанд аломатҳои таснифотиро (аз рӯйи намуд, муҳлати пешниҳод, шакли пешниҳод, таъйинот, динамикаи пешниҳод, ҷамъбасти нишондиҳандаҳо, маркази пешниҳод, сатҳи дастрасӣ) дар бар мегирад. Таснифоти мазкур метавонад барои таҳияи тартибҳо, алгоритмҳо ва расмиёти коркарди иттилооти молиявӣ истифода бурда шавад. Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳо муаммоҳои бо ташаккули ҳисоботи молиявии бонкҳо вобаста шарҳ дода шуда, такя ба таҷрибаи хориҷа, тамоюлҳои асосии рушди ҳисоботи молиявии бонкҳо муайян карда шудааст.

• Хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо (танзими пешбурди баҳисобгирӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ аз тарафи БМТ; шакли автоматии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташкили ҳуҷҷатгардиш; пешбурди баҳисобгирӣ мутобиқи феҳрасти алоҳидаи ҳисобҳо; тартиб додани варақаи гардишии ҳаррӯза ва тавозуни ҳаррӯза; омода кардани ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ ва талаботи иловагии БМТ; гузаронидани намудҳои гуногуни амалиётҳои ғайритавозунӣ; ташкили захираҳо ва фонди махсус барои қарзҳои пешниҳодшуда; баҳисобгирии даромад, хароҷот ва натиҷаи молиявӣ) ошкор карда шудааст. Шаклҳои ҳисоботи молиявии фосилавии бонкҳо (ҳисоботи мухтасар дар бораи ҳолати молиявӣ, ҳисоботи мухтасар дар бораи фоида ва зарар) таҳия ва тавсия карда шудааст, ки барои таъмини иттилоотнокӣ, шаффофият ва муқоисашавандагии маълумоти молиявӣ мусоидат мекунад.

• Муқарраароти назариявӣ ва равишҳои методии таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ тибқи СБҲМ омӯхта шуда, дар заминаи онҳо *методикаи (алгоритми) таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк* таҳия ва пешниҳод

карда шуд. Методикаи пешниҳодшуда ба равиши равандӣ асос ёфта, чор марҳиларо дар бар мегирад: 1) *омодагӣ ва методӣ; 2) амалӣ; 3) ҷамъбастӣ;* • *баҳодиҳӣ ва назорат.* Хусусияти фарқкунандаи методикаи пешниҳодшуда аз равишҳои методии мавҷудбуда дар пайдарҳамии марҳилаҳо ва мавҷудияти расмиёту чорабиниҳои мушаххас зоҳир гашта, дорои тартиби сохторию мантиқӣ мебошад. Истифодаи методикаи мазкур расмиёти муттаҳидкуниро то андозае осон гардонида, барои сарфаи мӯҳлати таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ мусоидат мекунад. Инчунин, истифодаи равишҳои методии таҳияшуда арзишмандии иттилоотии ҳисоботи молиявии бонкро баланд мебардорад.

• Масъалаҳои такмили низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ таҳқиқ карда шуда, самтҳои асосии такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо пешниҳод карда шудааст, ки расмиёту чорабиниҳои мушаххасро дар бар мегирад. Марҳилаҳои (алгоритми) таҳияи стандарти дохилӣ доир ба ҳисоботи молиявии маҷмуӣ муайян ва пешниҳод карда шудааст, ки татбиқи он самаранокии фаъолияти таҳиягарони ҳисоботро баланд мебардорад. Инчунин, доир ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони соҳаи муҳосибот ва аудит, такмили низоми омода кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавсияҳо пешниҳод шудааст.

• Бо мақсади баҳодиҳӣ ба саҳеҳият ва сифати ҳисоботи молиявии бонкҳо корбурди амсилаҳои америкоӣ ва русии M-score М. Бениш ва M-score М. Роксас дар мисоли ҳисоботи молиявии маҷмуии бонки ватанӣ санҷида шудааст. Исбот карда шудаст, ки амсилаи русии M-score М. Бениш ва M-score М. Роксас барои баҳодиҳӣ ба саҳеҳият ва сифати ҳисоботи молиявии бонкҳо самаранок ва мувофиқтар буда, бо эҳтимолияти мутаносибан 68% ва 70% далелҳои муайян кардани сохтакории ҳисоботи молиявиро нишон медиҳад. Омӯзиш ва истифодаи амсилаҳои муосири муайян кардани аломатҳои сохтакории ҳисоботи молиявӣ ба рушди низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ мусоидат намуда, боиси баланд шудани сифати иттилооти ҳисоботи молиявии ташкилотҳо мегардад.

• Бенчмаркинги молиявии бонкҳо дар асоси маълумоти дастраси ҳисоботи молиявӣ аз рӯйи чор самти асосӣ гузаронида шуда, ба таркиби нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо илова намудани 7 нишондиҳандаи мутлақ тавсия карда шуд. Андозаи меъёрии даромаднокии дороиҳо, даромаднокии сармоя ва даромади фоизии холис пешниҳод карда шуд. Инчунин барои гузаронидани бенчмаркинги нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо боз илова намудани 5 индикатори молиявӣ пешниҳод карда шуд: даромаднокии сармоягузориҳо (ROI), таносуби даромад бар хароҷот (CIR),

арзиши хавф (COR), коэффитсиенти пойгоҳи мизоҷон (CBR), мултипликатор D/E. Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда ва пешниҳоду тавсияҳо барои фаъолияти самараноки бонкҳо, баланд бардоштани сифати иттилооти молиявӣ, зиёд намудани имкониятҳои иттилоотӣ ва таҳлилии ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад.

Тамоми навгониҳои илмии пешниҳодшуда аҳаммияти амалӣ ва назариявӣ, илмӣ доранд ва барои такмили ташкили ҳисоботҳои молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ мусоидат менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Диссертатсияи тақризшаванда бо сабки хуби илмӣ навишта шуда, дар он пайдарпайии мантиқии баёни масъалаҳои баррасишаванда ва муайян кардани муқаррароти асосӣ риоя гардидааст, мустақилияти муаллиф дар ифшои ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ҳалли мушкилоти амалӣ дар самтҳои рушди такмили низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ мушоҳида мешавад.

Ҳамчунин таҳқиқот дорои пойгоҳи воқеъбинонаи далелҳо мебошад. Муаллифи диссертатсия объект ва предмети таҳқиқотро дуруст муайян карда, мақсад ва вазифаҳои муносибро муқаррар кардааст. Дар таҳқиқот усулҳои муосири илмии ба вазифаҳои гузошташудаи он мувофиқ истифода шудаанд. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо матни диссертатсия ҳамбастагии мантиқӣ доранд ва аз вазифаҳои гузошташуда бармеоянд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти таҳқиқотро инъикос мекунанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо саҳеҳии муқаррароти асосӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои таҳиягардида тасдиқ мешавад. Дар навбати худ, натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ аз ҷониби муаллиф қироат шудаанд.

Диссертатсияи омодашуда, аз муқаддима, се боб, бахши хулоса ва феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 197 саҳифаи матнро ташкил дода, 17 расм ва 26 ҷадвал, инчунин феҳристи адабиётро бо 187 номгӯи сарчашма дар бар мегирад.

Дар бахши муқаддимаи таҳқиқот мубрамии мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ нишон дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидаанд ва маълумот оид ба ҷиҳатҳои дигари тавсифдиҳандаи диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби якум, ки "**Асосҳои назариявии таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити муосир**" ном дорад, дар асоси омӯзиши адабиёти тахассусии соҳа масъалаҳои назариявии стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва нақши онҳо дар рушди

бонкҳо муайян карда шуда, заминаи танзими меъёрию ҳуқуқии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявии бонкҳо, ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо мувофиқи СБҲМ таҳқиқ карда шуданд.

Муаллиф ба ифшои масъалаҳои мафҳум ва таърихи пайдоиши стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ), феҳристи стандартҳои Фонди СБҲМ ва масъалаҳои дар СБҲМ баррасишавандаро муайян мекунад (саҳ. 20-23). Дар ин маврид, ӯ дуруст қайд мекунад, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳо гузариши субъектҳои дорои манфиати умум ва корхонаҳои азими давлатӣ ба СБҲМ, то ҳол тадбирҳои муҳим арзёбӣ мегарданд (саҳ. 24). Мақсади гузариши субъектҳои хоҷагидории ватанӣ ба СБҲМ ин баланд бардоштани сифати иттилооти молиявӣ мебошад, ки ба ташаккули афзалиятҳои рақобатии ташкилот дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ оварда мерасонад. Инчунин дар асоси омӯзиш муаллиф сабабҳо (саҳ. 30) ва афзалиятҳои истифодабарии СБҲМ-ро пурра баён кардааст (саҳ. 31-32).

Дар натиҷаи таҳлили масъалаҳои назариявӣ муаллиф қайд намудааст, ки мақомоти танзимкунандаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Вазорати молия ба ҳисоб меравад. Дар самти низоми бонкӣ мақомоти танзимкунандаи баҳисобгирӣ ва ҳисобот Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) мебошад. Дар ин замина санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзими низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявии ташкилотҳои қарзиро ба чор сатҳ тақсим карда, ҳар яке онро шарҳ додааст (саҳ. 33, расми 1.2.1.). Ҷоиз ба қайд аст, ки муаллиф норасогии баъзе санадҳои меъёриро қайд карда, барои такмили онҳо номгӯйи ҳуҷҷатҳоро мисол меорад (саҳ. 47-48).

Бояд қайд кард, ки ақидаи муаллиф дар бораи низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо аз ҷиҳати илмӣ ҷолиб аст. Вобаста ба ин, ӯ чунин зикр мекунад: ин маҷмуи иттилоот дар бораи фаъолияти ташкилоти қарзӣ дар намуди шаклҳои муайяни ҳисобот мебошад, ки мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии БМТ ва талаботи СБҲМ омода ва пешниҳод карда мешавад. Албатта, ин ақидаро дигар олимон низ баён намудаанд, вале фикри муаллиф нисбатан равшан ва мушаххас мебошад (саҳ.52). Яке аз натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти гузаронидашуда, дар он ифода меёбад, ки муаллиф аз рӯйи аломатҳои гуногун таснифоти пурраи низоми ҳисоботи молиявии бонкиро пешниҳод намудааст (саҳ. 53, расми 1.3.2.).

Ҳамин тавр, қисми мазкури кори диссертатсионӣ сазовори баҳои мусбӣ аст, зеро муаллиф мафҳумҳои “ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ” ва “ҳисоботи молиявии маҷмуӣ”-ро шарҳ дода, тафовути онҳоро муайян карда, таърифи

муаллифии ин мафҳумро овардааст (саҳ.61), ки ба шароити муосири пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мувофиқ мебошанд.

Дар диссертатсия, муаллиф, тамоюлҳои муосири рушди низоми ҳисоботи молиявии ташкилотҳо дар асоси адабиёти илмӣ шарҳ дода, дар заминаи онҳо тамоюлҳои муосири рушди низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо муайян карда кардааст (саҳ. 66), ки ба рушди низоми миллии баҳисобгирӣ зарурат доранд.

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Арзёбии вазъи муосир ва таъминоти методии таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** яке аз муҳимтарин коркарди муаллиф аз нигоҳи истифодаи амалӣ ин таҳлил ва арзёбӣ кардани вазъи низоми бонкӣ барои 10 соли охир, яъне муайян кардани тамоюли рушди низоми бонкӣ (саҳ. 71) ва динамикаи нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо барои ҳамин давра (саҳ. 72) мебошад.

Муаллифи диссертатсия тасдиқ менамояд, ки истифодабарии СБҲМ дар рушди низоми бонкии кишвар ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо нақши босазо дорад. Корбурди СБҲМ дар амалияи ташкилотҳои ватанӣ, аз он ҷумла дар бонкҳо, яке аз омилҳои зиёд шудани ММД кишвар, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, зиёд шудани андозаи пасандози аҳолӣ ва ҳаҷми пешниҳоди қарзҳо, инчунин зиёд шудани сармояи оинномавӣ ва фоидаи софи ташкилотҳо ба ҳисоб меравад (саҳ. 75).

Инчунин аз ҷониби муаллиф барномаҳое, ки барои пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ, аз ҷониби бонкҳо истифода мебаранд, мавриди таҳлил қарор дода шуда, ошкор карда шуд, ки бештари онҳо низоми автоматии бонкии “ЦФТ”-ро (Маркази Технологияҳои Молиявӣ) бештар истифода мебаранд (саҳ. 77).

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки имрӯз ҳамаи бонкҳо ҳисоботҳои молиявиро дар сомонаи расмии худ нашр мекунанд. Аммо аксарияти бонкҳо танҳо ду намуд ҳисобот, аз ҷумла “Ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ” ва “Ҳисобот дар бораи фоида ва зарар” нашр мекунанду халос (саҳ. 80, ҷадвали 2.1.4).

Дар ин боб диққати махсус ба хусусиятҳои ташкилию методии пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо дода шуда, якчанд хусусиятҳо пурра аз тарафи муаллиф муайян карда шуда, тавсифу шарҳ дода шудаанд (саҳ. 86-94). Инчунин, муаллиф дуруст қайд мекунад, ки тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии бонкҳо хусусияти хос дошта, мутобиқи талаботи СБҲМ ва талаботи иловагии БМТ омода карда мешавад. Бонкҳо ҳисоботи молиявиро мутобиқи шаклҳои тасдиқшуда ба

БМТ пешниҳод мекунанд, инчунин ҳисоботи молиявии алоҳида ва маҷмуии бонкҳо аудити ҳарсолаи ҳатмиро фаро мегирад (саҳ. 95).

Маврид ба зикр аст, ки яке аз натиҷаҳои назарраси диссертатсия ин таҳия ва пешниҳоди шаклҳои ҳисоботи мухтасар дар бораи ҳолати молиявӣ ва ҳисоботи фоида ва зарар ба бонкҳои анъанавӣ бо назардошти гуногунии шаклҳои ҳисоботи молиявии фосилавии бонкҳо мутобиқи талаботи БМТ ба шумор меравад (саҳ. 97-99, ҷадвалҳои 2.2.1 ва 2.2.2). Муаллиф қайд менамояд, ки шаклҳои ҳисоботи мухтасари таҳия ва пешниҳодшуда, ҳамчун самти такмили низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо ба ҳисоб рафта, барои таҳлилгарон ва истифодабарандагони гуногун маълумоти муфид мебошад. Илова бар он, ин шаклҳо иттилоотнокӣ, шаффофият ва муқоисашавандагии маълумоти ҳисоботи молиявии фосилавии бонкҳоро таъмин намуда, барои таҳлили молиявӣ, бенчмаркинг, банақшагирӣ ва пешгӯйикунии нишондиҳандаҳои молиявӣ замина мегузоранд (саҳ. 99).

Ҷиҳати мусбӣ ва арзишманди илмии қисмати дуюми диссертатсия дар он аст, ки муаллиф дар асоси омӯзиши методикаҳои мавҷудбуда, талаботи СБҲМ ва таҷрибаи амалӣ, методикаи (алгоритми) таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуиро пешниҳод кардааст, ки чор марҳилаи асосӣ - *омодагӣ ва методӣ, амалӣ, ҷамъбастӣ, баҳодиҳӣ ва назоратро* дар бар гирифта, ба ҳар яки он якчанд расмиёти таҳлилию баҳисобгирӣ муайян карда шудааст (саҳ. 107, расми 2.3.2). Ҳар як марҳила хусусияти хос дорад, дар навбати худ, марҳилаи дуюм қисми асосӣ ва муҳимтарин ба ҳисоб меравад (саҳ. 107). Дар ин росто, бо мақсади дарки раванди таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк баъзе ҷанбаҳои методӣ ва амалии расмиёти марҳилаи якум ва дуюмро дар диссертатсия аз нигоҳи амалӣ баррасӣ кардааст (саҳ. 108-112).

Аз ҷониби муаллиф шакли ҷадвали кории муттаҳидкунии нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявии аъзоёни гурӯҳро таҳия ва пешниҳод кардааст, ки ҳамчун воситаи методӣ барои мутахассисон ба ҳисоб меравад (саҳ. 109, замимаи 1). Муаллиф қайд кардааст, ки омӯзиш ва истифодаи методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ дар амалияи бонкҳо то андозае барои баланд бардоштани самаранокии пешбурди баҳисобгирии молиявӣ дар бонкҳо, ҳамзамон барои такмили низоми таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии бонкҳо мусоидат мекунад (саҳ. 113).

Дар боби сеюми диссертатсия, ки он **«Самтҳои асосии рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо»**, номгузорӣ шудааст, чизи муҳиме ки онро метавон ҳамчун навгонии арзишманди рисолаи диссертатсионӣ эътироф кунем, ин пешниҳоди чорабиниҳо ва самтҳо доир ба такмили таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо, ки расмиёту чорабиниҳои мушаххасро

дар бар мегирад (саҳ. 119-128, расми 3.1.1 саҳ. 120) ва амалисозии онҳо барои рушди фаъолияти бонкӣ ва низоми ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад.

Ба акидаи муаллиф, таҳияи ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ бевосита ба сифати ҳисоботи молиявии бонкҳо таъсир мерасонад. Ҳисоботи молиявии таҳрифшуда манбаи иттилооти саҳеҳ ва боэътимод шуда наметавонад, аз ин ҷо хавфи қабули қарорҳои нодурусти идоракунӣ аз тарафи доираи васеи истифодабарандагони иттилооти молиявӣ пайдо мешавад. Ӯ қайд мекунад, ки риояи талаботи СБҲМ ва истифодаи самараноки онҳо дар фаъолияти бонкҳо барои ҳалли мушкилот ва ислоҳи сохтакории ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад (саҳ. 132).

Дар натиҷаи омӯзиши моделҳои арзёбии саҳеҳияти ҳисоботи молиявӣ ва ё муайян кардани сохтакории ҳисоботи молиявӣ, ки аз тарафи олимон таҳия карда шудааст, қайд намудааст, ки амсилаҳои M-score М. Бениш (амсилаи 8 омила) ва M-score М. Роксас (амсилаи 5 омила) бештар истифода бурда мешаванд (саҳ. 136). Ҷоиз ба қайд аст, ки олимон вобаста ба хусусияти ҳар як давлат амсилаи Бениш ва Роксасро модификатсия карда, амсилаи аниқкардашударо барои ташкилотҳо таҳия ва пешниҳод намудаанд (саҳ. 139).

Нуқтаи аз ҷиҳати амалӣ ҷолиби диссертатсия ин аст, ки муаллиф барои арзёбии саҳеҳият ва ё муайян кардани сохтакории ҳисоботи молиявии бонкҳои ватанӣ аз амсилаҳои M-score Бениш ва M-score Роксас истифода бурда, дар мисоли ҶСК “Бонки Эсхата” имконияти истифодаи амсилаҳоро нишон додааст (саҳ. 142-143, ҷадвалҳои 3.2.6 ва 3.2.7).

Муаллиф қайд менамояд, ки амсилаҳои M-score Бениш ва M-score Роксасро дар умум барои муайян намудани сохтакорӣ ва арзёбии сифати ҳисоботи молиявии бонкҳои ватанӣ ва дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ истифода бурдан имкон дорад. Инчунин қайд мекунад, ки муайян кардани сохтакории ҳисоботи молиявӣ вобаста ба низоми ҳисобдории ҳар як давлат хусусиятҳои худро дорад ва раванди мураккаб аст. Амсилаҳои муайян кардани сохтакории ҳисоботи молиявӣ на он қадар ҳам механизми самаранок ба ҳисоб меараванд ва барои ин мақсад гузаронидани таҳлили молиявии ҳаматарафаи ҳисоботи молиявии бонкҳо зарур аст (саҳ. 144). Инчунин дар боби мазкур таҳлилҳои муаллиф арзишманд буда, қайд намудан ҷоиз аст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ усулҳо ва воситаҳои гуногуни муқоисавӣ истифода бурда мешаванд ва яке аз инҳо бенчмаркинг мебошад (саҳ. 148). Бенчмаркинг ҳамчун яке аз усулҳои алтернативии идоракунии стратегӣ, маҳсули рушди эволютсионии рақобатпазирӣ мебошад, ки муқоисаи маҳсулоти рақибро бо маҳсулоти ташкилот дар бар мегирад, ки дар

натиҷаи он роҳҳои беҳтар намудани сифати маҳсулот таҳия мешавад ва ҳамзамон сатҳи рақобатпазирии он боло меравад (саҳ. 149).

Дар диссератсия самтҳои асосии бенчмаркинги молиявии бонкҳо дар асоси маълумоти дастрас пешниҳод карда шудааст, ки чор самти таҳлилиро дар бар мегирад (саҳ. 150, расми 3.3.2). Муаллиф қайд мекунад, ки барои таҳлил аз маълумоти ба БМТ пешниҳоднамудаи бонкҳо нишондиҳандаҳои 3 бонки анъанавӣ, аз ҷумла ҶСК "Бонки Эсхата", ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" ва ҶСП "Бонки Арванд" барои солҳои 2020-2022 гирифта шудааст (саҳ. 151-159).

Натиҷаи бенчмаркинги молиявии бонкҳоро аз рӯйи чор самт ҷамъбаст намуда, чунин хулосабардорӣ карда шудааст, ки дар асоси маълумоти ба БМТ пешниҳоднамудаи бонкҳо на ҳамаи нишондиҳандаҳо ва ё индикаторҳои молиявиро ҳисоб кардан имкон дорад. Инчунин нишондиҳандаҳои мутлақи молиявии бонкҳо асосан иттилооти тавозуни муҳосибиро дарбар мегиранд. Аз ин ҷо барои мақсадҳои таҳлил ба бонк муроҷиат кардан зарур аст, аммо дар сомонаи расмии баъзе бонкҳо иттилооти молиявӣ пурра ҷойгир карда, ки барои гузаронидани таҳлил мушкилот ба амал меояд (саҳ. 160). Бар замми ин, аз ҷониби муаллиф барои мақсадҳои бенчмаркинги молиявӣ илова намудани нишондиҳандаҳои ҳисоботи фоида ва зарар (саҳ. 161, ҷадвали 3.3.6), инчунин, панҷ индикатори молиявӣ тавсия ва пешниҳод карда шудааст (саҳ. 162, ҷадвали 3.3.7), ки барои зиёд намудани имкониятҳои иттилоотӣ ва таҳлилии ҳисоботи молиявии бонкҳо зарурат дорад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳаммияти назариявӣ-амалӣ доранд, дар хулоса ва пешниҳодҳо ба низом даровarda шудаанд. (саҳ. 166-170).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳаммияти илмии** диссертатсия дар асосноккунии назариявӣ ва методологии такмили ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити корбурди СБҲМ зоҳир мешавад. Самтҳои асосии такмили низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ муайян карда шудааст, ки иттилоотнокӣ, шаффофият ва муқоисашавандагии маълумоти молиявиро таъмин менамояд ва барои таҳкими раванди идоракунии фаъолияти бонкӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар коркарди тавсияҳои методӣ ва амалии мушаххас оид ба такмили таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо ва баланд бардоштани шаффофияти иттилооти он дар шароити корбурди СБҲМ мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки пешниҳодҳои муаллиф барои мутобиқ намудани низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ, рақамикунонии иқтисодиёт ва такомули он мусоидат менамоянд. Истифодабарии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳод шуда, барои баланд бардоштани вазъи иқтисодии бонкҳо мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти диссертатсия барои васеъ намудаи аҳаммияти иҷтимоии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии бонкҳо мусоидат мекунад. Инчунин қисматҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми ташкили курсҳои махсус барои такмили саводнокии муҳосибони бонкҳо истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз ҷониби муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия 16 мақолаҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии 9,4 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 8,5 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба нашр расонида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи иҳтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштани диссертатсия риоя гардидаанд. Диссертатсия ба талаботҳои

«Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар рушд ва такмили ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ мавриди истифода қарор гиранд.

Автореферати диссертатсия, ки мутобиқи талаботи муақарраршуда таҳия карда шудааст, мақсад ва муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос мекунад.

Забони навишти диссертатсия содда ва фаҳмо буда, дар он талаботи дахлдор оид ба ороиши корҳои илмӣ риоя шудаанд. Мақолаҳои доир ба мавзуи диссертатсия нашркардаи муаллиф паҳлуҳои асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобид.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

Бо вуҷуди бартариҳои зиёд дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, аз қабили:

1. Аз муҳтавои диссертатсия ва бобҳои он бармеояд, ки объекти таҳқиқот низоми ҳисоботи молиявии бонкҳои анъанавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Лекин, тавре маълум аст, дар ташкилотҳои қарзии исломӣ низ низоми ҳисоботи молияви такмилталаб аст. Хуб мебуд, агар масъалаҳои такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми ҳисоботи молиявӣ дар ташкилотҳои қарзии исломӣ низ ба таҳқиқ фаро гирифта мешуданд.
2. Унвонҷӯ дар муқаддимаи ҳам автореферат ва ҳам диссертатсия мавриди коркарди методикаи (алгоритми) таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк сухан рондааст, вале дар таркиби диссертатсия баррасии ин методика бо инъикоси маълумот аз амалия ба назар намерасад;
3. Агар муаллиф дар таҳқиқот вазъи стандартонии баҳисобгирии муҳосибиро дар шароити ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳои ИДМ нишон медод, ба манфиати кор мебуд.
4. Дар саҳифаи 100 расми 2.2.3 муаллиф раванди таҳияи ҳисоботи молиявии фосилавии бонкҳоро таҳия намудааст, ки аз чор марҳила иборат аст. Аммо мазмуну мундариҷаи ин марҳилаҳо пурратар шарҳ дода мешуданд, боз хубтар мешуд.
5. Агар унвонҷӯ, то кадом дараҷа аз тарафи бонкҳои ватанӣ принсипҳои Кумитаи Базелӣ оид ба назорати бонкӣ муайян шуда, риоя карда мешавад, шарҳ медод, таҳқиқот ғанӣ мегардид.

Бояд қайд кард, ки эродҳои мазкур хосияти тавсиявӣ доранд ва арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд.

**Хулоса**

Диссертатсияи тақризшаванда кори илмии ба анҷомрасида баҳисоб рафта, арзиши баланди илмӣ дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун, мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳаммияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Исоев Диловарҷон Талисович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08-Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ**
**ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Калемуллоев М.В.**

**Имзои профессор Калемуллоев М.В.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

29 январи соли 2025

(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд. 102, почтаи электронӣ: munir-k@list.ru, тел: (+992) 91 902-70-70)